ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ
ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО"

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ КЛИНИКӢ

Душанбе - 2018

«Тасдиқ шудааст»
Бо қарори Шӯрои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»
«29» ________________ соли 2018
протоколи № ________________
раиси Шӯрои олимон д.и.т.,
профессор Гулзода М.Қ. ________

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ КЛИНИКИИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

**ш.Душанбе**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Шӯрои клиникии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм, Оинномаи донишгоҳ таҳия гардидааст.

1.2. Шӯрои клиникӣ дар назди муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ ташкил карда мешавад ва зерсохтори машваратии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба ҳисоб меравад.

1.3. Шӯрои клиникӣ ба мақсади мукаммал намудани фаъолияти табобатию ташхисӣ ва баланд бардоштани сифати корҳои табобатии кафедраҳои ва марказҳои клиникии донишгоҳ ташкил карда мешавад.

1.4. Ба вазифаҳои асосии Шӯрои клиникӣ дохил мешаванд:

1) баҳодиҳӣ ба фаъолияти кафедраҳо ва марказҳои клиникии донишгоҳ;

2) баланд бардоштани сифати фаъолияти клиникии кафедраҳо ва марказҳои донишгоҳ;

3) ҳамоҳангсозии фаъолияти кафедраҳои клиникии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва базаҳои клиникии кафедраҳо.

## 2. Вазифаҳо ва тартиби фаъолияти Шӯрои клиникӣ

2.1. Шӯрои клиникӣ дорои чунин вазифаҳо мебошад:

1) ҳалли саривақтии масъалаҳои ба фаъолияти ташхисию табобатӣ ва машваратию сарпарастии кафедраҳо ва зерсохторҳои клиникии донишгоҳ вобастаро амалӣ менамояд;

2) ба сатҳу сифати корҳои ташхисию табобатӣ ва сарпарастию машваратии кафедраҳои клиникӣ, марказҳои клиникӣ ва ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ баҳогузорӣ менамояд;

3) дар ҷараёни табобат татбиқ намудани протоколҳои клиникӣ, стандартҳои ташхису табобатӣ ва фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро назорат ва ҳамоҳанг менамояд;

5) дар ҷаласаи Шӯрои клиникӣ масъалаҳои дар сатҳи зарурӣ тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустиро тариқи интернатура ва ординатураи клиникӣ муҳокима менамояд.

6) масъалаҳои ба такмили ихтисоси кормандони кафедраҳои клиникии донишгоҳ вобастаро муҳокима менамояд;

7) ба кафедраҳои клиникии донишгоҳ оид ба масъалаҳои тайёрии клиникии мутахассисин кӯмаки методӣ мерасонад;

8) ҳуҷҷатҳо дар бораи мониторинг ва татбиқи фаъолияти табобатии ҳайати омӯзгорону профессоронидонишгоҳро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

9) арзу шикоятҳоро нисбати сифати кӯмаки тиббии расонидаи ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳро баррасӣ мекунад.

**3. Ҳайат, сохтор ва тартиби фаъолияти Шӯрои клиникӣ**

3.1. Ҳайати Шӯрои клиникӣ аз ҳисоби ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ, мутахассисони зерсохторҳои клиникӣ таъсис дода мешавад ва дар Шӯрои олимони донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

3.2. Шӯрои клиникӣ аз раис, муоивини раис, котиб ва аъзо иборат мебошад.

3.3. Раиси Шӯрои клиникӣ, муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ мебошад. Ҳангоми ҳузур надоштани раис, ӯҳдадориҳои ӯ ба зиммаи муовини раис гузошта мешавад.

3.4. Ба Шӯрои клиникӣ мутассадиёни корҳои табобатии кафедраҳои клиникӣ, роҳбар ва кормандони сохторҳои клиникӣ, кормандони дигари донишгоҳ, намояндагони муассисаҳои табобатию профилактикии дар шаҳри Душанбе ҷойгирифта, ки пойгоҳи клиникии кафедраҳо мебошанд, метавонанд ҳамчун аъзо бошанд.

3.5.Аъзои Шӯрои клиникӣ дар мавриди аз ҷои кор озод шудан, аз аъзогии Шӯрои клиникӣ маҳрум карда мешаванд.

3.6. Раиси Шӯрои клиникӣ чунин ухдадориҳо дорад:

1) ба фаъолияти Шӯрои клиникӣ роҳбарӣ менамояд;

2) кори Шӯрои клиникиро ташкил менамояд;

3) рӯзнома ва вақти баргузории Шӯрои клиникиро муқаррар мекунад;

4) дар ҷаласаҳои Шӯрои клиникӣ раисӣ менамояд.

3.7. Ҷаласаҳои Шӯрои клиникӣ тибқи ҷадвали тасдиққардаи ректори донишгоҳ баргузор мегардад. Дар мавриди зарурӣ ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои клиникӣ метавонад баргузор гардад.

3.8. Ҷаласаи Шӯрои клиникӣ ҳар семоҳа баргузор мешавад.

3.9. Ҷаласаи Шӯрои клиникӣ дар сурати ҳузур доштани аз се ду ҳиссаи аъзои он баргузошуда ҳисоб мешавад.

3.10. Дар ҷаласаҳои нақшавии Шӯрои клиникӣ ба ғайр аз аъзои он метавонанд роҳбарони зерсохторҳои донишгоҳ, мутахассисони пешбар ва соҳавӣ иштирок намоянд.

3.11. Ҳар як аъзои Шӯрои клиникӣ ҳуқуқи як овоз дорад. Қарори Шӯрои клиникӣ бо гирифтани овозҳои бештари аъзои ҳузурдоштаи он қабул карда мешавад. Дар мавриди баробар будани миқдори овозҳо овози додаи раис ва ё раисикунанда ҳалкунанда ҳисоб мешавад. Додани овоз аз як аъзо ба аъзои дигари Шӯрои клиникӣ манъ аст.

3.12. Дар мавриди зарурӣ ҷаласаи Шӯрои клиникӣ дар мувофиқа метавонад мавқуф гузошта шавад.

3.13. Нисбати қарорҳои Шӯрои клиникӣ, ки дар ҷаласаҳои он қабул карда мешаванд, суратҷаласа тартиб дода мешавад ва ба он аз ҷониби шахси раисикунанда ҷаласа ва котиб дар давоми гузашти панҷ рӯзи тақвимӣ аз баргузории ҷаласа имзо гузошта мешавад.

3.14. Дар суратҷаласа нишон дода мешавад:

1) сана, вақт ва макони баргузории ҷаласа;
2) маълумот дар бораи иштирокчиёни ҷаласа, аз ҷумла аъзо ва ашхоси таклифшуда;
3) рӯзномаи ҷаласа;
4) масъалаҳое дар овоздиҳӣ гузошта шуданд ва натиҷаи овоздиҳӣ;
5) қарорҳои қабулшуда;
6) маълумотҳои дигар вобаста ба ҷаласаҳои Шӯрои клиникӣ.

3.15. Котиби Шӯрои клиникӣ вобаста ба талаб намудани аъзои Шӯрои олимон ва ё Шӯрои клиникӣ барои пешниҳод кардани суратҷаласаи Шӯрои клиникӣ барои шиносшавӣ ва ё додани иқтибос аз суратҷаласа уҳдадор мебошад.

30. Котиби Шӯрои клиникӣ барои то ба маълумоти ашхоси зарурӣ расонидани қарори Шӯрои клиникӣ (иқтибос аз суратҷаласа) уҳдадор мебошад.

**4. Банақшагирӣ ва ҳисоботи Шӯрои клиникӣ**

4.1. Ҳамасола нақшаи кории Шӯрои клиникӣ дар оғози соли таҳсил дар Шӯрои олимони донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

4.2. Дар оғози соли таҳсил дар ҷаласаи Шӯрои клиникӣ ҳисоботи Шӯрои клиникӣ барои соли қаблӣ шунида мешавад ва вобаста ба натиҷаи ҳисобот ба ҳайати Шӯрои клиникӣ тавсия дода мешавад ва пешниҳоду тағиротҳо ба вазифаю уҳдадориҳои Шӯрои клиникӣ пешниҳод карда мешавад.

4.3. Ҳуҷҷатҳои Шӯрои клиникӣ, аз ҷумла нақшаҳо, суратҷаласаҳо, қарорҳо ва натиҷаи иҷроиши онҳо дар дасти котиби Шӯрои клиникӣ нигоҳ дошта мешавад.

**5. Хулоса**

5.1. Шӯрои клиникӣ ҳуқуқ дорад:

1) ба пешниҳод намудани тавсияҳо дар бораи мукаммалсозии фаъолияти пойгоҳҳои клиникӣ ва зерсохторҳои клиникии донишгоҳ;
2) назорат намудани воридсозии усулҳои муосири ташхисӣ, табобатӣ ва профилактикӣ дар кафедраҳои клиникӣ;

3) тавсия додан барои воридсозии таҷрибаи пешрафтаи муассисаҳои беҳтарини табобатӣ ва унсурҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки фаъолияти корӣ дар шӯъбаҳои пойгоҳҳои клиникӣ;
4) барои таъсиси комиссия ҷиҳати назорат ва таҳлили фаъолияти ташхисию табобатии профессорону омӯзгорони кафедраҳо ва зерсохторҳои клиникии донишгоҳ.

**Варақаи розигӣ**

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи розигӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба таълим | Ибодов С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Юсуфӣ С.Ҷ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Директори Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудов Х.Р. | | |
| 7. | Сардори бахши таъминоти ҳуқуқӣ | Саидов Ҷ.З. | | |